**5.6.[07.00.00] ИЛМҲОИ ТАЪРИХ**
**5.6.[07.00.00] ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ**
**5.6.[07.00.00] HISTORICAL SCIENCES**

**5.6.1.[07.00.02]** ТАЪРИХИ ВАТАН
**5.6.1.[07.00.02]** ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
**5.6.1.[07.00.02]** HOME HISTORY

***ТДУ 327***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-380-11-15***

## *ПРОФЕССОР САЙДУЛЛО АБДУЛЛОЕВ МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХИ СОХТМОНИ МАДАНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН*

***Усмонзода Аюб Исломов**, д.и.т, профессор; **Набизода Ваҳҳоб Машраб** д.и.т, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ПРОФЕССОР САЙДУЛЛО АБДУЛЛОЕВ – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ КУЛЬТУРНОГО СТРОИТЕЛЬСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ*

***Усмонзода Аюб Ислом**, д.и.н., профессор; **Набизода Ваххоб Машраб**, д.и.н., профессор кафедры истории таджикского народа ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

## *PROFESSOR SAYDULLO ABDULLOEV RESEARCHER HISTORY OF CULTURAL CONSTRUCTION IN TAJIKISTAN*

***Usmonzoda Ayub Islom,** Dr. of History, Professor;, **Nabizoda Wahhob Mashrab,** Dr. of History, Professor of the Department of the History of the Tajik People, SEI "KhSU named after Acad.B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*

***Вожаҳои калидӣ:** Сайдулло Абдуллоев, Инқилоби Октябр, инқилоби маданӣ, маорифи халқ, рисолаҳои арзишманд, мактабҳои олӣ, даврони соҳибистиқлолӣ, китобҳои нав*

*Дар мақола саҳми доктори илмҳои таърих, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Сайдулло Абдуллоев дар омӯзиш ва таҳқиқи таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон тибқи далелҳои муътамад фаъолияти илмии Сайдулло Абдуллоевро дар таҳқиқи масъалаи вусъатёбии инқилоби маданӣ дар деҳоти Тоҷикистон дар солҳои 30-юм, ибтидои 40-уми асри XX инъикос намудаанд. Таваҷҷуҳи хосса ба саҳми Сайдулло Абдуллоев дар омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди мактабҳои олии Тоҷикистон дода шудааст. Қайд шудааст, ки Сайдулло Абдуллоев дар солҳои соҳибистиқлоли низ таҳқиқоти таърихи сохтмони маданиро идома додааст.*

***Ключевые слова:** Сайдулло Абдуллоев, Октябрьская революция, культурная революция, народное образование, ценные труды, высшие школы, период независимости, новые книги.*

*В статье рассматривается вклад доктора исторических наук, профессора, Заслуженного деятеля науки и техники Таджикистана Сайдулло Абдуллоева в изучение и иследование истории культурного строительства в Таджикистане. Авторы на основе фактических материалов освещают научную деятельность Сайдулло Абдуллоева в иследовании проблем развёртывания культурной революции в кишлаках Таджикистана в 30-е – начале 40-х годов XX века. Особое внимание уделяется вкладу Сайдулло Абдуллаева в изучение процесса создания и развития высших школ Таджикистана. Отмечается, что Сайдулло Абдуллоев в условиях независимости также продолжал исследование истории культурного строительства.*

***Keywords:** Saidullo Abdulloev, October Revolution, cultural revolution, public education, valuable works, higher schools, period of independence, new books.*

*The article discusses the contribution of Doctor of Historical Sciences, Professor, Honored Worker of Science and Technology of Tajikistan Saidullo Abdulloev in the study and research of the history of cultural construction in Tajikistan. The authors, based on factual materials, highlight the scientific activities of Saidullo Abdulloev in studying the problems of the development of the cultural revolution in the villages of Tajikistan in the 30s and early 40s of the XX century. Particular attention is paid to the contribution of Saidulla Abdullaev in the study of the creation and development of higher schools in Tajikistan. It is noted that Saidulla Abdullayev, in conditions of independence, also continued to study the history of cultural construction.*

Тамаддуни ҷаҳон собит менамояд, ки номи ҳар як халқу миллат дар саҳифаҳои таърихи башар тавассути илму фарҳанг ва санъату ҳунари воломақомаш сабт мешавад.

Бузургии халқу миллат, пеш аз ҳама, бо он муайян ва маънидод карда мешавад, ки вай дар

пешрафти илму тамаддуни олам чи саҳме гузоштааст ва ганҷи хазинае, ки ба ин тамаддун ворид кардааст, чи гуна арзише дорад.

«Номи миллатро, -қайд менамояд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фарзандони бо нангу номусаш зинда медоранд. Ва ҳар боре, ки ба роҳи паймудаи хеш бо чашми хирад назар афканем, мебинем, ки бузургони ҳар давру замон чун ҳалқаҳои занҷир бори миллатро бар дӯши худ кашидаанд» [6,с.90].

Тоҷикон бар ҳақ таърихи бой доранд. Тоҷикистонро дар дунё бо номи фарзандони бузурги миллат мешиносанд.

Мақсад аз ёдрас кардани навиштаҳои боло васфи мухтасари шарҳи фаъолияти устоди зиндаёд, муҳаққиқи донишманди тавоно ва роҳбари бохирад, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих профессор, акдемики Академияи илмҳои педогогӣ ва иҷтимоии Федиратсияи Россия Сайдулло Абдуллоев мебошад.

Қобилияти илмии Сайдулло Абдуллоев дар солҳои донишҷӯияш, ки ба фаъолияти Ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултети таърихи Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод ба номи С.М.Киров роҳбарӣ мекард, аён гардида буд.

Устод Ғафур Ҳайдаров дар мақолаи «Эшонро ҳасти Хизр назар карда буд...» чунин нигоштааст: «Дар хотирам яке аз машғулиятҳои маҳфили таърихомӯзони ҷавони факултаи таърих бо иштироки академик З. Ш. Раҷабов, ректори донишгоҳ П. Ҳамроқулов нақш бастааст.

Ҳамон рӯз аъзоёни маҳфил асари нави Зариф Раҷабовро муҳокима мекарданд. Баромади пурмазмуни донишҷӯи курси 2-юм Сайдуллоҷон Абдуллоев ба академик хеле хуш омад, маъқул шуд. Баъд аз муҳокима Зариф Шарифович- и хирадманд ва нуктасанҷ ба камина гуфтанд, ки парасторию роҳбарии илмиро нисбат ба С.Абдуллоев шахсан ба дӯшам гирам. Сайдуллоҷон ҳар се зинаҳои камолоти илмиро тай намудаанд: донишҷӯ, аспирант, докторант» [5, с. 53].

Таваҷҷуҳи ӯро омӯзиши даврони сотсиалистии Тоҷикистон ба худ ҷалб мекард.

Боиси зикр аст, ки Инқилоби Октябр дар қисмати халқи тоҷик нақши бузург дорад. Маҳз дар оилаи ягонаи халқи шӯравӣ Тоҷикистон ба комёбиҳои беназир соҳиб гашт. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: «Инқилоби Октябр ба мардуми мо умеду умри дубора бахшид. Халқи тоҷик баъди ҳазор соли аз байн рафтани сулолаи Сомониён боз соҳибдавлат шуда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кард.

Инқилоб Тоҷикистонро соҳиби сарзамин кард ва аз зери фишори бадхоҳонаш озод намуд. Барои мардум танг ҳам бошад, майдони кор ва эҷоду фаъолият муҳайё сохт. Оҳиста-оҳиста дар водиҳои нообод ва кӯҳистонҳои дурдаст деҳаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ободи бунёд гаштанд. Мактабу маориф ва илму фарҳанг босуръат инкишоф ёфт.

Фарзандони халқи тоҷик бо мададу дастгирии бародаронаи олимони русу украин ва дигар халқҳо дар кашфи нодиртарин соҳаҳои илм ангуштнамо шуданд» [7,с.9].

Муҳаққиқи ҷавон Сайдулло Абдуллоев ба таҳқиқи таърихи яке аз рукнҳои асосии сохтмони сотсиализм инқилоби маданӣ камари ҳиммат баст.

Сайдулло Абдуллоев бо ҳидояти муаррихи варзида, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ғафур Ҳайдаров соли 1969 ба шӯъбаи ғоибонаи аспирантураи кафедраи таърих СССР- и Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин дохил шуда, мавзуи «Вусъатёбии инқилоби маданӣ дар деҳоти Тоҷикистон дар солҳои 1933 - 1941 (аз рӯи маводҳои вилояти Ленинобод)»-ро ба сифати рисолаи номзадӣ интихоб кард.

Солҳои аспиранти мақолаҳояш «Аз таърихи матбуоти ҳизбии солҳои 30-юми вилояти Ленинобод», «Аз таърихи нигаҳцории тандурустии ноҳияҳои Тоҷикистон ( солҳои 30-юм - ибтидои солҳои 40- ум)», «Аз таърихи маҳви бесаводӣ дар деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ (солҳои 1933-1941)» дар маҷмуъаҳои бонуфузи илмӣ чоп шуданд.

Ба Сайдулло Абдуллоев муяссар гардид, ки соли 1973 бо сари баланд рисолаи номзадиашро дар Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин ҳимоя намояд.

Муқарризони расмии диссертатсия - академики Академияи илмҳои Тоҷикистон З.Ш.Раҷабов, номзади илмҳои таърих, дотсент А.З.Раҳматуллоев, инчунин дигар аъзои шӯро дар баромадҳояшон ба таҳқиқоти Сайдулло Абдуллоев баҳои баланд дода, якдилона сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ҳисобиданд [9,с.202-203].

Рисола фарогири паҳлуҳои гуногуни татбиқи инқилоби маданӣ дар деҳоти Тоҷикистони Шимолӣ буд. Дар қисми маҳви бесаводи рисола Таваҷҷуҳи муҳаққиқ ба шаклу усулҳои мубориза барои маҳви бесаводӣ равона шуд. Муаллиф махсусан саҳми аскарони маданиятро дар саводнок

кадани меҳнаткашон қайд менамояд. Ҳамзамон дар рисола нақши маорифчиёни Тоҷикистони Шимолӣ дар маҳви бесаводии аҳолии Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Марказӣ инъикос ёфтаанд.

Дар рисола масъалаҳои ҷорӣ кардани таълими умумии ҳатмии ибтидоӣ, ҳафтсола ва миёна мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дисертант бо назардошти мавқеи муассисаҳои маданӣ- равшаннамоӣ дар баланд бардоштани савияи сиёсӣ ва фарҳангии меҳнаткашон боби махсусеро бахшидааст.

Ташкил намудани клубҳо, чойхонаҳои сурх, баргузории озмунҳои дастаҳои ҳаваскорони бадеӣ дар рисола бо далелҳои муътамад тасвир карда шудаанд.

Маснади илмии олими ҷавон хеле самаранок пеш мерафт. Бо қалами ӯ як қатор асарҳои ба ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти маданӣ ва маънавии ҷумҳурӣ бахшида шуда тааллуқ доштанд. Номи вай дар байни маданиятшиносони Тоҷикистон машҳур шуд.

Сайдулло Абдуллоев пайгирона омӯзиш ва таҳқиқи таърихи ҳаёти мадании халқи тоҷикро идома медод.Таҳқиқоти бунёдии Сайдулло Абдуллоев ба таърихи мактабҳои олии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, профессор Ғафур Ҳайдаров чунин ёдоварӣ менамояд: «Ман ба Сайдуллоҷон маслиҳат додам, ки ба таҳқиқи таърихи маълумоти олӣ дар Тоҷикистон машғул шавад. Чунки ғайр аз маҷмуаҳои ҷашнӣ ва асарҳои алоҳидаи оммавӣ асари илмии дар бораи фаъолияти мактабҳои олӣ мавҷуд набуд. Дар пеш вазифа меистод, ки нақши муассисаҳои олии таълимӣ ҳамчун фишанги муҳим дар ҳалли сиёсати кадрии давлат, механизми ягонаи тайёр кардани мутахассисон барои хоҷагии халқ, макони боумеди рушди илм, муҳимми раванди ғоявӣ-тарбиявии донишҷӯён неруи инъикос карда шавад.

Дотсент С.А.Абдуллоев корҳои назарраси омодагию ҷустуҷӯиро дар бойгониҳои давлатӣ, китобхонаҳо, бевосита дар муассисаҳои олии таълимӣ, комилан дар бойгонии ҷории Вазорати маорифи Тоҷикистон, гузаронида маълумотҳои зиёди ахборотиро ҷамъ овард. Кори диққатталаб доир ба таҳлили манбаъҳои ҷамъкарда, ҷамъбаст намудани онҳо, нигоҳи танқидӣ ба лаҳзаҳои баҳсталаби проблематика, шарҳи консепсияи мактаби олӣ ҳамчун қисми сиёсати умумидавлатӣ, натиҷаҳо, хулосаҳо ба докторант имкон доданд, ки ба маразди ҷамоатчигии илмӣ, моҳиятан нахустин асари ҷамъбасткунандаро оид ба таърихи маълумоти олӣ дар давраи 60-соли сохти шӯравӣ пешниҳод намояд» [9,с.203].

Сайдулло Абдуллоев рисолаи доктириро дар мавзуи «Мактабҳои олии Тоҷикистон (солҳои 1931-1991)» таҳти роҳбарии мушовири илмӣ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Ғ.Ҳ.Ҳайдаров ба анҷом расонида, 16-уми феврали соли 1996 дар Шӯрои диссертатсионии назди Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Тоҷикистон бомуваффақият дифоъ кард. Муқарризони расмӣ Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор М.Б.Бобохонов, доктори илмҳои таърих, профессор И.К.Усмонов, доктори илмҳои таърих Назаршо Назаршоев ба рисолаи доктории Сайдулло Абдуллоев баҳои сазовор доданд.

Муаллиф дар диссертатсия Таваҷҷуҳи худро ба масъалаҳои зерин равона карда буд:

- нишон додани ҷиддияти проблемаи тайёр кардани мутахассисони дипломдори Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли амалии он;
- инъикос намудани таърихи инкишофи муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ ва мустаҳкам намудани асосҳои моддӣ-техникӣ ва таълимӣ-методӣ;
- нишон додани раванди ташаккулёбии ҳайати профессорону омӯзгорони мактабҳои олӣ, фаъолияти Вазорати маориф дар инкишофи маълумоти олӣ дар Тоҷикистон;
- таҳқиқ намудани самтҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ доир ба ташкил ва такмили раванди таълимӣ-тарбиявӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои минбаъда беҳтар кардани он;
- таҳлил ва ҷамъбаст намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотии мактабҳои олии Тоҷикистон, муайян кардани динамика ва тамоили инкишофи он;
- муайян кардани нақш ва аҳамияти робитаҳои байналхалқии муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ [10,с.41].

Дар рисолаи докторӣ Сайдулло Абдуллоев ба таъсиси нахустин мактабҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон - Донишкадаи давлатии омӯзгории Сталинобод ва Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд таваҷҷуҳ зоҳир намуда мақоми онҳоро дар баланд бардоштани савияи дониши толибилмон тасвир намудааст.

Муаллиф дар боби махсус саҳми аҳли ҷомеаи донишкадаҳои ҷумҳурро дар солҳои. Ҷанги

бузурги ватанӣ инъикос намуда, ба корнамоиҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ҳам дар фронтҳои Ҷанги бузурги ватанӣ ва ҳам дар ақибгоҳ инъикос кардааст.

Боиси зикр аст, ки дар рисолаи доктори нақши котиби якуми ҲК(б) Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров дар ташкил намудани Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Донишкадаи политехникии Тоҷикистон мавқеи муҳимро доро мебошад.

Хонандаи закӣ дар ин рисола дар бораи фаъолияти Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб, Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ, Донишкадаи давлатии забони русии Тоҷикистон маводи ҷолибро пайдо карда метавонад.

Мустаҳкам кардани базаи моддӣ- техникӣ ва раванди таълим, тарбия ва таҳқиқотҳои илмӣ, тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои хоҷагии халқи Тоҷикистон меҳвари асосии диссертатсияро ташкил менамояд.

12-уми соли 1996 Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия ба Сайдулло Абдуллоев дараҷаи илмии доктори илмҳои таърихро насиб гардонд.

Умуман профессор Сайдулло Абдуллоев заминаву ангезаҳои мухталифи ташакулли мактабҳои олии Тоҷикистонро бо диди аниқрави таърихӣ, бо салоҳияти комил дар заминаи маводу мадорики фаровон ва садоҳо мақолаву рисолаҳои илмӣ ба доираи тадқиқ кашида, на танҳо санадҳои сершумори таърихиро бори нахуст ба муомилоти илмӣ ворид намудаанд, балки ин ҳама далелҳоро ба назари нави замонӣ ба таҳқиқ гирифта, дар бунёди консепсияи нави таърихи давраи шӯравӣ саҳм гирифтаанд.

Далели ин гуфтаҳо нашри монографияҳои Сайдулло Абдуллоев «Аз таърихи ташаккули мактабҳои олии Тоҷикистон» [1], «Из истории высшего образования в Таджикистане (1931-1991 гг.) [2] мебошад.

Сайдулло Абдуллоев дар даврони соҳибистиқлоли Тоҷикистон низ таҳқиқи мавзуи таърихи маданияти халқи тоҷикро идома дода, дар инҷода ба як қатор комёбиҳо ноил гардид.

Муҳимтарин таълифоти олим асари монографии «Рушди фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои 30-юм» ба шумор меравад.

Дар ҳаммуаллифӣ бо устодаш профессор Ғафур Ҳайдаров дар соли 1997 асарҳои «Из истори развития культуры в Таджикистане (На материалах Ленинабадской области. Документы)» [3] ва «Страницы народного образования Туркестанской АССР (1918- 1924)»- ро [4] таълиф ва дастраси соҳибилмон гардонданд.

Як силсила рисолаҳои арзишманду пурмуҳтавои Сайдулло Абдуллоев, аз ҷумла «Марди зарифу шариф», «Фидоии илму маърифат», «Ҳамдами халқ», ки дар ҳамқалами бо профессор Усмонҷон Ғаффоров таълиф шуда, аз рӯзгору хидмати шоистаи олимони забардасти тоҷик Зариф Шарифович Раҷабов, Ғафур Ҳайдаров ва Ҳамдам Очилов нақл мекунанд, дар баробари қадршиносӣ ва заҳмати сангини ин устодони номвар ва навҳе ҷамъбасту корбандии таҷрибаи ғании уламои тоҷик маҳсуб мегардад.

Достони зиндагии устод С.Абдуллоев барҳақ корномаи як марди фидоии илму маърифат аст, ки дар натиҷаи заҳмат ва суботкорӣ меваҳои ширин ба бор оварда буд. Осори гаронқадри илмии устод дар пайвастагӣ бо фазилатҳои хуҷастаи инсониашон дар авроқи илми тоҷик ва дар ёди ҳамаи онҳое, ки эшонро мешинохтанд, нақши ҷовидона рақам додааст, ки дар воқеъ, давоми умр, балки оғози зиндагии бепоёни маънавиашон мебошад.

Устод Ғ.Ҳайдаров дар яке аз навиштаҳои хеш овардаанд: «Одатан кас бо гузашти айём самараи меҳнати худро дида хурсанд мешавад, аммо шогирд агар пурсамартар кор кунаду ба ҷомеа фоида оварад, садчанд хурсанд мешудааст. Инро, ман дар мисоли шогирди арзандаву боғайратам Сайдуллоҷон Абдуллоев дидам. Аз ҳар як комёбиву бурдбориаш ман танҳо мефахраму меболам» [5,с.40].Дар тақвияти ин гуфтаҳо зикри андешаи академики академик Носирҷон Салимӣ бамаврид аст: «Сайдулло Абдуллоев аз ҷумлаи олимони соҳибноми таърихи фарҳанги тоҷикон шинохта шудааст. Назари ҷомеъву пурғунҷоиш ба сарнавишт ва таҳаввули фарҳанги тоҷикон самтҳои ковишҳои илмии муҳаққиқро бағоят вусъат бахшидааст. Қисми зиёди таълифоти мутаадиди муҳаққиқи заҳматписанд дар пайвандгоҳи илми таърих, адабиётшиносӣ ва сиёсатшиносӣ руйи кор омада, кӯшишҳои арзандаи посух гуфтан ба ниёзҳои ҷомеаи имрӯза маҳсуб мешаванд» [8,с.22-23].

Умуман, номи ашхосе, ки дар рушду нумӯи илму фарҳанг ва маориф хизматҳои шоистаи тақдир анҷом дода, дар дилу дидаи мардуми соҳибдил маскан гузоштааст, ҳаргиз фаромӯш нахоҳад гардид.

**АДАБИЁТ:**

1. Абдуллоев, С. Аз таърихи ташаккули мактабҳои олии Тоҷикистон/С.Абдуллоев.-Хуҷанд,1997. - 278 с.
2. Абдуллоев, С.Из истории высшего образования в Таджикистане (1931- 1991 гг.) / С.Абдуллаев. - Худжанд, 1999. - 264 с.
3. Абдуллоев, С. Из истории развития культуры в Таджикистане (На материалах Ленинабадской области. Документы) / С.Абдуллаев, Г.Хайдаров. -Худжанд, 1997. - 186 с.
4. Абдуллаев, С. Страницы истории народного образования в Туркестанской АССР (1918-1924 гг.) / С.Абдуллаев, Г.Хайдаров. - Худжанд, 1997. - 197 с.
5. Ғаффуров, У. Ёди неки дӯсти бузургворам / У.Ғафforов // Соҳибхирад: Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Сайдулло Абдуллоев. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. - С.39-54.
6. Раҳмонов, Э. Душанбе - шаҳри дустӣ ва бародарӣ: Суханронӣ ҳангоми мулоқот бо аҳли ҷамоатчигии шаҳри Душанбе, 4 феврали соли 1997 / Э.Раҳмонов // Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. - Душанбе: Ирфон, 2001. - С.88-107.
7. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э.Раҳмонов // Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. - Душанбе: Ирфон, 2001. -С.3-16.
8. Салимов, Н. Нақши умр / Н.Салимов // Соҳибхирад: Маҷмуаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор Сайдулло Абдуллоев. - Хуҷанд: Меъроҷ, 2015.-С. 19-26.
9. Хайдаров, Г.Х. Альма-матер (Мои воспоминания) / Г.Х.Хайдаров. - Худжанд, 2002. - 380 с.
10. Холджураев, Х. Цель жизни / Х.Холджураев. - Худжанд: Нури маърифат, 2005. - 210 с.

**REFERENCES:**

1. Abdulloev, S. From the history of formation of higher schools of Tajikistan / S. Abdulloev. - Khujand, 1997. - 278 p.
2. Abdullaev, S. From the history of higher education in Tajikistan (1931-1991) / S. Abdullaev. - Khujand, 1999. - 264 p.
3. Abdulloev, S. From the history of cultural development in Tajikistan (Not materials of Leninabad region. Documents) / S. Abdullaev, G. Khaidarov. - Khujand, 1997. - 186 p.
4. Abdullaev, S. Pages of the history of national education in the Turkestan ASSR (1918-1924) / S. Abdullaev, G. Khaidarov. - Khujand, 1997. - 197 p.
5. Ghaffurov, U. A good memory of my great friend / U. Ghafforov // Sahibhirad: A collection of articles dedicated to the 70th anniversary of the Master of Science and Technology of Tajikistan, Doctor of History, Professor Saidullo Abdulloev. - Khujand: Meraj, 2015. - P.39-54.
6. Rahmonov, E. Dushanbe - the city of friendship and brotherhood: Speech during a meeting with the community members of Dushanbe, February 4, 1997 / E. Rahmonov // Tajikistan: ten years of independence, national unity and construction. - Dushanbe: Irfan, 2001. - P.88-107.
7. Rahmonov, E. Tajiks in the mirror of history / E. Rahmonov // Tajikistan: ten years of independence, national unity and creativity. - Dushanbe: Irfan, 2001. - P.3-16.
8. Salimov, N. The role of life / N. Salimov // Sahibhirad: A collection of articles dedicated to the 70th anniversary of the Master of Science and Technology of Tajikistan, Doctor of History, Professor Saidullo Abdulloev. - Khujand: Meraj, 2015.-S. 19-26.
9. Haydarov, G.Kh. Alma mater (Our memories) / G. Kh. Khaidarov. - Khujand, 2002. - 380 p.
10. Kholdzhuraev, Х.Цель жизни/H.Kholdzhuraev.-Khujand: Light of Enlightenment,2005.-210 p.